آوازتاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

24 августи соли 2022 Чоршанбе

№ 67 (14872)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ИСТИҚЛОЛИЯТ АСОСИ ҲАЁТИ ОЗОДУ ОБОДИ МОСТ

Бо шарофати истиқлолият пояҳои давлатдории миллии мо таҳким ёфта, дахлнопазирии сарҳадҳоямон таъмин, дар ҷомеамон сулҳу оромӣ пойдор гардида, ваҳдати байни миллатҳо ва таҳаммулпазирии динӣ кафолат дода шуд. Аз ҳама муҳимаш, тавассути мустаҳкам кардани устувории қонун оиди ба рӯйи об баровардани ҳуқуқу озодиҳои инсон дигаргуниҳои васеъмиқёс ба амал бароварда мешаванд.

Дар қарор, ки бо мақсади сазовор истиқбол гирифтани сию якумин солгарди истиқлолияти Ҷумҳурии Ўзбекистон ва дар сатҳи баланд таҷлил намудани ин санаи фархунда аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ба имзо расид, муайян шудааст, ки ҷашни имсола дар доираи ғояи асосии “Дар Ўзбекистони Нав халқ азиз, инсон азиз” таҷлил карда шавад.

(Давомаш дар саҳ.2).

# МАҶМӮИ «РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ» — ДАРВОЗАИ БАРОИ ҶАҲОН ВАСЕЪ КУШОДАИ ЎЗБЕКИСТОН

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 23 август ба Самарқанд барои иштирок дар маросими кушодани Маркази байналхалқии сайёҳии «Роҳи бузурги абрешим» омад.**





Дар ҳудуди маҷмӯи «Шаҳри ҷовид», ки дар ҳудуди марказ ҷойгир шудааст, бо куҳансолон ва зиёиёни Самарқанд суҳбати гарм ба вуқӯъ пайваст. Бо таманнои он, ки иншооти нав ба нафъи мардумамон солҳои зиёд хидмат намояд, дуо тиловат гардид.

Пас аз он маросими тантанавии кушодани Маркази байналхалқии сайёҳии «Роҳи бузурги абрешим» баргузор шуд.

Роҳбари давлат нутқ эрод намуд ва бо ин руйдоди хурсандибахш ҳамаро табрик кард.

– Ба шарофати потенсиали интеллектуалӣ ва меҳнати шуҷоатноки халқамон ин маҷмӯъ сохта шуд, ки он боз як дастоварди дурахшон дар роҳи сохтмони Ўзбекистони Нав гардид. Ҳамаи шуморо бо ин маҷмӯи замонавӣ, меъмории олиҷаноб табрик менамоям, ки дар шаҳри қадима ва ҳамешаҷавони Самарқанд бунёд гардид. Бигзор асрҳои зиёд он ба халқамон хидмат намояд! – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Самарқанд шаҳрест, ки пойгоҳи давлатдории миллӣ ба шумор рафта, дар ташаккул ва тараққиёти ду Эҳёи таърихамон нақши муҳим доштааст. Сайёҳон ба ин ҷо асосан барои дидани ёдгориҳои қадима ва маконҳои муқаддас меоманд. Барои самтҳои дигари сайёҳӣ маҷмӯҳои замонавӣ вуҷуд надошт.

Соли 2019 бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев лоиҳаи боҳашам – сохтмони маҷмӯи бузург дар майдони 212 гектар дар шафати канали қаиқронӣ дар ноҳияи Самарқанд шурӯъ гардида буд. Аз ҷумлаи меъморон ва муҳандисони соҳибтаҷриба ҷамоаи байналхалқӣ ҷалб гардида, лоиҳаи амиқ андешидашуда таҳия карда шуд. Роҳбари давлат аз ин ҷо чандин бор боздид намуда, дар заминаи то охир бурдани лоиҳа бо назардошти анъанаҳои меъмории миллӣ ва аз нигоҳи баланд бардоштани роҳатбахшии он тавсияҳо дода буд. Якҷоя бо мутахассисони баландмалакаи бинокори ватанӣ аз дигар мамлакатҳо мисли Туркия, Британияи Кабир, Италия мутахассисони соҳибтаҷриба иштирок намуданд.

Ҳамин тариқ, дар муддати кӯтоҳ сарфи назар аз машаққатҳои пандемия сохтмони ин маҷмӯи боҳашамат ба охир расонда шуд.

(Давомаш дар саҳ.2).

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# САМАРҚАНДИ НАВ: ОРЗУЕ, КИ БА ҲАҚИҚАТ ТАБДИЛ ЁФТ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар маросими тантанавии ифтитоҳи Маркази байналмилалии сайёҳии «Роҳи бузурги абрешим» дар Самарқанд**

Мухтарам ҳамватанон, сокинони Самарқанд!

Меҳмонони азиз!

Имрӯз бо шумо дар маросими ботантанаи ифтитоҳи Маркази байналмилалии сайёҳии **«Роҳи бузурги абрешим»**, ки симои Самарқанди нав, шаҳри барои ҳамаи мо азизро муайян мекунад, вохӯрдан ба ман қаноатмандии бузург мебахшад.

Ин маҷмӯъ, ки ба шарофати неруи зеҳнӣ ва меҳнати фидокоронаи халқи мо ба вуҷуд омадааст, дар роҳи бунёди Ўзбекистони нав боз як дастоварди барҷаста гардид.

Ҳамаи шуморо бо чунин маҷмӯи боҳашамати меъморӣ, ки дар Самарқанди бостонӣ ва абадӣ ҷавон қомат афрохтааст, табрик мегӯям. Бигузор ба халқи мо чандин аср хизмат кунад!

Ҳамватанони азиз!

Тавре маълум аст, Самарқанд дар таърихи давлатдории миллии мо ва умуман тамаддуни ҷаҳонӣ мақоми хосаеро ишғол мекунад. Ин шаҳри ҷовидонӣ дар ташаккул ва рушди ду Эҳё дар таърихи кишвари мо нақши муҳим бозид.

Бесабаб Амир Темури бузург пойтахти давлати пурқудрати худ барпонамударо Самарқанд интихоб накардааст.

Солҳои охир мо анъанаҳои неки дар ин сарзамин ташаккулёфтаро идома дода, ҷиҳати эҳёи шукӯҳи таърихии Самарқанд, то ки онро боз ҳам зеботару бароҳаттар гардонда, ба маркази воқеии байналмиллалии сайёҳӣ табдил диҳем, корҳои васеъмиқёсро анҷом дода истодаем.

Ба анҷом расидани сохтмони маҷмӯи **«Роҳи бузурги абрешим»** дар ин роҳ боз як қадами муҳим гардид.

Сохтори чунин маркази бузурги бисёрфунксионалӣ, ки барои хизматрасонӣ ба 2 миллион сайёҳон дар як сол пешбинӣ шудааст, ансамбли «Шаҳри абадӣ», конгресс-холл, 8 меҳмонхонаи замонавӣ, амфитеатр ва бисёр иншооти дигарро дар бар мегирад.

Мо гурӯҳи байналмилалии меъморон ва муҳандисони ботаҷрибаро барои тарҳрезии ин лоиҳа ҷалб кардем. Лоиҳаи омодашуда дар асоси таҷрибаи меъмории миллӣ ва технологияҳои муосири шаҳрсозӣ, инчунин шароити иқлим борҳо мавриди баррасӣ қарор гиифта ва такмил дода шуд.

Ин маркази аҷоиб идомаи анъанаҳои меъмории аз ҷониби ниёгони бузурги мо бунёдшуда мебошад.

Боварӣ дорам, ки он як пули рамзӣ дар байни таърихи пуршарафи мо ва Эҳёи сеюм, ки ҳоло мо таҳкурсии онро ташкил карда истодаем, мегардад.

Халқи бунёдкори мо, мутахассисон ва муҳандисони мо, ки донишу таҷрибаи бузург доранд, ҷавонони ҳамаҷониба соҳибмаълумот, якҷоя бо шарикони хориҷӣ баҳри таҷассуми чунин лоиҳаи мураккаб, ҳақиқатан беназир фидокорона меҳнат карданд.

Ба ин муносибат дар сохтмон иштироки фаъолонаи муҳандисону мутахассисони баландихтисоси Туркия, Англия, Италияро махсусан кайд кардан лозим аст.

Аз фурсат истифода бурда, намояндагони корпуси дипломатӣ ва созмонҳои байналмилалиро, ки дар маросими тантанавии имрӯз ҳузур доранд, самимона хайрамақдам гуфта, ба онҳо барои саҳми бузургашон дар рушди робитаҳои гуногунҷанба бо Ўзбекистон изҳори сипос мекунам.

Умедворам, ки минбаъд ҳам мустаҳкам намудани ҳамкорӣ бо ҷумҳурии мо, аз ҷумла вусъати робитаҳо дар соҳаи туризм дар фаъолияти шумо дар мамлакат ҷои муҳимро ишғол мекунад.

Рафиқони азиз!

Дар замири ба ин маҷмӯи зебоманзар номи **«Роҳи бузурги абрешим»**-ро додани мо маънои амиқ ниҳон аст.

(Давомаш дар саҳ.2).

# ПРЕЗИДЕНТҲОИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ОЗАРБОЙҶОН ДАР ТАТБИҚИ СОЗИШНОМАҲОИ ҲОСИЛШУДА ПЕШРАФТИ НАЗАРРАСРО ҚАЙД КАРДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 23 август бо Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев мулоқоти телефонӣ анҷом дод.***

Масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва таҳкими муносибатҳои шарикии стратегии ду кишвар баррасӣ шуданд.

Бо қаноатмандӣ дар татбиқи тавофуқномаҳое, ки дар натиҷаи мулоқотҳои сарони кишварҳо дар моҳи июни соли ҷорӣ ҳосил шуда буданд, пешравии назаррас қайд карда шуд.

Аввали моҳи август ҷамъомади навбатии Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ ва ҷаласаи якуми вазирони корҳои хориҷӣ, савдо ва нақлиёти Ўзбекистон, Озарбойҷон ва Туркия пурсамар баргузор гардид.

Савдои байниҳамдигарӣ имсол 70 фоиз афзуд. Татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи кишоварзӣ, кирмакпарварӣ, кимиё ва саноати нассоҷӣ, мошинсозӣ ва дигар соҳаҳо оғоз гардид. Кор барои ҳарчи зудтар ба кор андохтани фонди сармоягузории Ўзбекистону Озарбойҷон идома дорад. Мубодилаи маданию гуманитарӣ вусъат меёбад.

Сарони давлатҳо таъкид карданд, ки ҳамкории амалӣ минбаъд низ инкишоф дода шавад. Дар ин замина аҳамияти баргузории Анҷумани минтақаҳо ва намоишгоҳи иқтидори саноатии ду кишвар дар тирамоҳи соли ҷорӣ таъкид гардид.

Инчунин оид ба рӯзномаи минтақавӣ табодули афкор сурат гирифт. Ҷадвал ва рӯзномаи мулоқотҳои дарпешистодаи бисёрҷониба, аз ҷумла ҳамоишҳои дарпешистодаи Созмони ҳамкории Шанхай ва Созмони кишварҳои туркӣ дар Самарқанд баррасӣ шуданд.

Суҳбати телефонии Президентҳои Ўзбекистон ва Озарбойҷон дар фазои анъанавии кушод, гарм ва дӯстона сурат гирифт.

**ЎзА.**

*ФАРҒОНА:*

# ИД АЗ ПАЙИ ИД ОМАД

***Кохи тантанаҳои “Афросиёб”-и шаҳри Фарғона меҳмонони зиёдро ба канор пазируфт. Ин меҳмонон аз зумраи соҳибкорон, намояндагони доираҳои тиҷоративу бизнес, корчаллонҳо ва амсоли он буданд, ки бо истеҳсоли маҳсулоти худ дар боло бурдани иқтисодиёт, ғанӣ шудани хазинаву буҷет саҳми бузург мегузоранд. Дар ин чорабинӣ инчунин роҳбарони секторҳо, ҳокимони шаҳру ноҳияҳо низ ширкат намуданд.***

– Ин чорабинии доманфарох дар пайи мулоқотҳои кушоди Сарвари давлатамон мухтарам Шавкат Мирзиёев бо соҳибкорон баргузор мегардад. Ҳувайдост, ки дар мамлакати мо соҳибкорон ва намояндагони соҳаи бизнес ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ ва дастгирии Президенти кишвар қарор доранд. Тавре ки шумо шоҳид шудед, Президент аз эътибор дур мондани намояндагони доираҳои соҳибкориро ғайриодилона номид, зеро тамоми кормандони соҳаҳои дигар бо унвонҳову мукофотҳои давлатӣ сазовор мегарданд. Минбаъд дар мамлакати соҳибистиқлоламон шумо, соҳибкорон низ ҳамеша аз подошҳои гуногуни давлатӣ баҳраманд хоҳед шуд, – изҳор намуд ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров дар маросими ифтитоҳи ин чорабинӣ.

Вай афзуд, ки ҳокимияти вилоят низ аз ташаббусҳои соҳибкорону аҳли бизнес ҳамеша пуштибонӣ менамояд. Зимни зарурат омодааст, ки тамоми кумакҳои лозимаро ба онҳо расонад.

Дар маросими мазкур як гурӯҳ соҳибкорон барои чунин таваҷҷуҳ ва меҳру мурувват ба Президенти мамлакат ибрози сипос намуданд.

– Дирӯз суханронии Шавкат Миромоновичро аз тариқи телевизион тамошо кардам. Худ аз худ болидам, ки намояндагони доираҳои соҳибкорӣ аз мурувватҳои беназири давлату ҳукумат бархурдор хоҳанд шуд. Президент иброз намуд, соҳибкороне, ки ҷойҳои кори зиёд фароҳам овардаанд, самтҳои нави тиҷоратро ба роҳ мондаанд, дар соҳаи худ навоварию ислоҳот ворид намуда, дар байни мардум обрӯю эътибор пайдо кардаанд, сазовори қадрдонӣ хоҳанд шуд. Ин зумра соҳибкорон ба унвони фахрии «Соҳибкори шоистаи Ўзбекистон» сазовор хоҳанд шуд, – гуфт ҳаяҷони худро пинҳон дошта натавониста Дилшод Сотволдиеви қувасой.

(Давомаш дар саҳ.3).

# САМАРҚАНДИ НАВ: ОРЗУЕ, КИ БА ҲАҚИҚАТ ТАБДИЛ ЁФТ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар маросими тантанавии ифтитоҳи Маркази байналмилалии сайёҳии «Роҳи бузурги абрешим» дар Самарқанд**

(Аввалаш дар саҳ.1).

Роҳи тиҷоратии трансқитъавӣ, ки аз шаҳри бостонии Сяни Чин сарчашма гирифта, аз ҳудуди бисёр мамлакатҳо, аз ҷумла, аз Самарқанд гузашта, то ба Рим расидааст, ба воситаи равнақи муколамаи иктисодию фарҳангӣ ва маърифатии халқҳои дунё табдил ёфт. Тавре маълум аст, Самарқанди бостонӣ яке аз марказҳои асосии Роҳи бузурги абрешим буд.

Бо дарназардошти ин, дар биноҳои бунёдшудаи маҷмӯъ расмҳои таърихии даврони Роҳи бузурги абрешим инъикос ёфтааст. Ҳамин тариқ, ҳангоми тарҳрезии ансамбли «Шаҳри абадӣ» аз сюжети фрески дар девори Афросиёби бостонӣ маҳфузбуда, ки дар он маросими пазироии сафирони Корея, Чин, Ҳиндустон ва дигар кишварҳо аз ҷониби ҳокими давлати Суғд тасвир ёфтааст, истифода шудааст.

Фикр мекунам, ки сафирони кунунии ин давлатҳо ва сайёҳони хориҷӣ метавонанд дар ин пораеро аз таърихи ватани худ бубинанд.

Имрӯз мо барои эҳёи анъанаҳои таърихие, ки қад-қади Роҳи бузурги абрешим инкишоф ёфта, рамзи пешрафт, рушди фарҳанг, дӯстӣ ва ҳамкорӣ, таҳкими робитаҳои гуногунҷанба бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҷалби дастовардҳои замони муосир, илм, технологияи баланд, сармоягузорӣ ва ғояҳои нав, пешқадам мебошад, саъй дорем.

**Умуман гуфтан дуруст аст, ки маҷмӯаи «Роҳи бузурги абрешим» боз як дарвозае ба гузашта, имрӯз ваояндаи Ӯзбекистон мегардад, ки онҳоро мамлакатамон дар назди ҷаҳониён калон боз менамояд.**

Муҳтарам иштирокдорони маросим!

Ансамбли меъмории «Шаҳри ҷовид» хусусан дар табдил додани Самарқанд ба маркази калони сайёҳӣ нақши муҳим дорад. Бовар дорам, ки он барои шаҳри Самарқанд шиносномаи ба худ хос мегардад.

Ин ансамбл воқеан лоиҳаи нодир ба шумор рафта, ҳар як сайёҳ дар ин ҷо ба дунёи фусункори афсонаҳои ёдгориҳои қадимии меъморӣ меафтад. Намуди нотакрор молики 40 устохонаи ҳунармандӣ мебошад, ки тибқи анъанаи меъмории қадима сохта шуда, таҷассумгари махсусияти 14 минтақаи мамлакат мебошанд.

Ҳунармандони моҳир дар назари чашми сайёҳони зиёд маҳорати худро дар бобати чӯбкорӣ, омода намудани маҳсулоти сафолӣ, коғази шоҳӣ, ороишоти ҷавоҳирӣ ва қолиндӯзӣ нишон медиҳанд.

Аз он ҷумла, дар ин ҷо дурдонаҳои санъати амалӣ, мисли кулолгарии Риштон, сӯзанаи Бухоро, юртаи қароқалпоқ, атласи Марғилон ба намоиш гузошта мешаванд.

Ҳар касе, ки ба ин сарзамин қадам мегузорад, натанҳо Самарқанди қадимиро мебинад, балки тамоми Ӯзбекистонро дида, ҳашамат ва ҷозибаи беҳадди Ватанамонро эҳсос менамояд.

Дар ҳудуди маҷмӯа 280 ҳазор дарахт ва бутаҳои манзаравӣ шинонда шуда, дар 170 гектар қитъаҳои сабз ба вуҷуд оварда шудааст.

Кушодани ин марказ имконоти навро барои рушди сайёҳӣ дар мамлакатамон ба вуҷуд меорад. Бинобар ин ба як рақам эътибор диҳед. Ҳанӯз 3-4 сол пеш аз ин миқдори сайёҳони дохилӣ ва хориҷие, ки аз Самарқанд боздид менамуданд, аз 500 ҳазор зиёд набуд. Ҳоло дар натиҷаи ислоҳоте, ки ба рушди соҳа нигаронда шудааст, инчунин ба туфайли кӯшишот дар бобати ба вуҷуд овардани муҳити муносиби сармоягузорӣ мавҷи сайёҳони хориҷӣ ба Самарқанд ду баробар афзуд.

Ҳоло мо тамоми имконотеро соҳиб ҳастем, ки боз ҳам қуллаҳои баландро фатҳ намоем. Аз он ҷумла, нақшаҳои дақиқе таҳия гаштаанд, ки ба туфайли татбиқи онҳо миқдори сайёҳони хориҷие, ки ба Самарқанд меоянд, дар солҳои наздик аз 1,5 миллион нафар зиёд хоҳад гардид.

Бо ин мақсад нақша бобати тармими қариб 50 объекти мероси маданӣ ва бунёди беш аз 600 меҳмонхонаи замонавӣ ва меҳмонхонаҳои оилавӣ дар ҳудуди вилоят тартиб дода шудааст. Дар худи шаҳр низоми нақлиёти ҷамъиятӣ куллан ислоҳ карда шуда, равуои электробусҳо ба роҳ гузошта мешавад.

Аэропорти амалан аз нав сохташуда – дарвозаи ҳавоии Самарқанд, бешубҳа яке аз ҳалқаҳои муҳими рушди соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Консепсияи аэропорти нав бо мақсади бунёди маркази **«Роҳи бузурги абрешим»** ҳамоҳанг аст.

Дӯстони азиз!

Дар аввали сол мо барномаи **«Дар саросари Ӯзбекистон саёҳат намо!»**-ро қабул карда будем. Имрӯз дар Самарқанд аввалин натиҷаҳои назаррраси иҷрои онро аллакай мебинем. Чунин маҷмӯи замонавӣ дар Бухоро низ сохта мешавад. Мо ба нақша гирифтаем, ки чунин лоиҳаҳоро дар ҳама минтақаҳои мамлакат татбиқ намоем. Ҳамин тариқ, сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ барои бо беш аз 8 ҳазор объекти нотакрори мероси мадании халқамон шинос гардидан молики имконияти калон мегарданд.

Умуман дар панҷ соли оянда мавҷи сайёҳони хориҷӣ аз рӯи ҳисобу китобҳо ба Ӯзбекистон аз 2 то 9 миллион нафар меафзояд.

Аз ҳама муҳимаш, онҳое, ки бо соҳаи сайёҳӣ банд мегарданд, аз 500 ҳазор зиёд мегарданд. Барои таҳсил ва такмили малакаи онҳо дар Самарқанд Донишгоҳи байналхалқии сайёҳӣ ва мероси мадании «Роҳи абрешим» фаъолият дорад. Ҳоло дар ин муассисаи таълими олӣ беш аз 1 ҳазор донишҷӯ аз шаш мамлакат таълим мегирад, инчунин профессорони хориҷӣ дар он дарс мегӯянд. Дар ин ҷо китобхонаи замонавӣ ба вуҷуд оварда шудааст, ки дар фонди он қариб 20 ҳазор китоб, аз он ҷумла дастнависҳои нодир нигоҳ дошта мешаванд.

Ҳамватанони муҳтарам!

Тавре ки шумо ёд доред, як сол пеш аз ин мо якҷоя бо шумо дар наздамон мақсад гузоштем, ки Самарқандро аз нав ба шаҳри зеботарин ва обод – **ҳусни лиқои Замин** табдил диҳем.

Бо ҳамин мақсад, аз он ҷумла, аз нав маҷмӯи ёдгории боҳашамати Имом Бухорӣ сохта мешавад. Бовар дорам, ки ин маҳалли зиёратӣ муносиби нуфузи баланди худ мегардад, ки онро ин ниёи бузургамон дар олами ислом соҳиб аст.

Дӯстони азиз!

Мо дар остонаи санаҳои муҳими бузург, чорабиниҳои калони сиёсӣ, маданӣ ва маърифатӣ қарор дорем. То ҷашни 31-умин солгарди истиқлолияти Ватанамон рӯзҳои башумор монд. Дар моҳҳои наздик дар Самарқанд анҷуманҳои бонуфузи байналхалқӣ мисли ҳамоиши Созмони ҳамкории Шанхай ва Созмони давлатҳои туркӣ ба вуқӯъ мепайванданд. Соли оянда дар ин ҷо Ҷамъомади солонаи Шӯрои мудирони Бонки реконструксия ва тараққиёти Аврупо ва Ассамблеяи генералии Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ ба вуқӯъ мепайванданд.

Маҷмӯи наве, ки имрӯз мо кушодем, инчунин барои дар дараҷаи баланд баргузор намудани анҷуманҳои бонуфуз хидмат менамояд.

Аз фурсат истифода намуда, ба бинокорон ва мутахассисон, вазорат ва идораҳо, шарикони хориҷӣ, аҳли муҳтарами Самарқанд ва тамоми мардуми бисёрмиллатамон – ҳамаи онҳое, ки шуҷоатнок ва бо виҷдони пок меҳнат карданд ва ин лоиҳаи боҳашаматро амалӣ намуданд, ки намуди Самарқандро куллан тағйир дода, орзуҳоро ҷомаи амал пӯшонданд, миннатдорӣ изҳор менамоям.

Бигзор қарнҳои зиёд Самарқанди қадиму ҳамешаҷавон, Ӯзбекистони азиз шуҳратёр гардад!

Бигзор халқамон – бунёдкори тамоми муваффақият ва дастовардҳоямон хушбахт бошад!

Ба эътиборатон ташаккур.

# МАҶМӮИ «РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ» – ДАРВОЗАИ БАРОИ ҶАҲОН ВАСЕЪ КУШОДАИ ӮЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Маркази бисёрсоҳа шомили 8 меҳмонхонаи замонавӣ, конгресс-холл, маҷмӯаи «Шаҳри ҷовид», амфитеатр ва бисёр объектҳои дигар мебошад. Вай қодир аст соле 2 миллион сайёҳро қабул намояд.

– Ин маркази аҷиб идомаи анъанаҳои меъморие мебошад, ки гузаштагони бузургамон асос гузоштаанд. Бовар дорам, ки он пули рамзии байни таърихи пуршараф ва Эҳёи сеюм мегардад, ки пойгоҳи онро мо имрӯз ташаккул медиҳем,– таъкид кард Президент.

Дар он маънии амиқ нуҳуфтааст, ки ба ин маҷмӯа номи «Роҳи бузурги абрешим» дода шудааст. Дар биноҳои маҷмӯъ лавҳаҳои таърихии давраи Роҳи бузурги абрешим тасвир шудаанд. Ҳамин тариқ, зимни таҳия намудани ансамбли «Шаҳри ҷовид» сюжети дар девори Афросиёби қадима ҳифзшуда бо лавҳаҳои тасвири маросими қабули сафирони Куриё, Чин, Ҳинд ва дигар мамлакатҳо аз ҷониби ҳокими давлати Суғд истифода гаштааст.

Дар ин ҷо бозори кӯҳна, 40 устохонаи ҳунармандӣ тибқи анъанаи тамоми минтақаҳои мамлакат кор мекунанд. Дар онҳо ҳунармандон дар назари чашми сайёҳон дарси маҳорати чӯбкорӣ, омода кардани ашёҳои сафолӣ, коғази шоҳӣ, ороишоти ҷавоҳирӣ ва қолиндӯзӣ машғул хоҳанд шуд.

Ин танҳо қисме аз он кори зиёд дар бобати рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакатамон мебошад. Маркази нави сайёҳӣ дар ба таври назаррас афзудани миқдори сайёҳони хориҷие, ки ба Самарқанд меоянд, нақши муҳим дорад. Умуман мақсад гузошта шудааст, ки қабули сайёҳон дар мамлакатамон аз 2 миллиони имрӯза дар панҷ соли оянда то 9 миллион расонда шавад. Аз ҳама муҳимаш онҳое, ки бо соҳаи сайёҳӣ машғул мегарданд, аз 500 ҳазор нафар зиёд хоҳад гардид.

Ғайр аз ин, меҳмонхонаҳои замонавӣ ва конгресс-холл барои баргузор намудани чорабиниҳои фарогир шароити муносиб ба вуҷуд меоранд. Ба қарибӣ дар ин ҷо ҳамоиши Созмони ҳамкории Шанхай ва мулоқоти сарони давлатҳои аъзои Созмони давлатҳои туркӣ баргузор мегарданд. Соли оянда дар шаҳри қадима ҷамъомади ҳарсолаи Шӯрои мудирони Бонки реконструксия ва тараққиёти Аврупо ва Ассамблеяии генералии Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ барпо мешаванд.

Барномаи мусиқии «Мадҳи шаҳри ҷовид» таҷассуми образноки маркази нав гардид.

Намуди ба худ хоси саҳнаи амфитеатр, ки бинобар намунаи расадхонаи Улуғбек ва имконоти замонавии техникӣ ба вуҷуд оварда шудааст, барои намоиш додани рӯҳи композитсияи мусиқӣ натанҳо бо воситаи суруду рақс, инчунин намоиши чароғҳо низ хизмат мекунанд.

Ин композитсияи мусиқӣ дар асоси нақли ҷавоне, ки дар деҳаи хурди устоён таваллуд ёфтааст, эҷод гаштааст. Вай аз китобҳо дар бораи саёҳатҳо илҳом гирифта ба роҳи дур мебароядва раҳорах имкони ғанӣ сохтани дониши худро ба даст меорад. Ҳамзамон ӯ озмоишҳои мухталифро паси сар мекунад. Роҳи тӯлониро тай намуда, ҷавон ба кишвари аҷоибе мерасад ва дар ин ҷо духтареро вомехӯрад, ки образи ӯро ким кай дар хоб дида буд. Онҳо издивоҷ мекунанд ва ба диёри азизи худ бармегарданд, ҷавон арзиши эҷодро дарк менамояд. Аз рег, ситораҳо, шамол ва об ӯ шаҳри орзуҳо, яъне Шаҳри ҷовидро бунёд мекунад.

Дар офаридани ин қиссаи мусиқӣ, ки санъати ҷаҳон ва халқамонро муттаҳид сохтааст, дар баробари дастаҳои эҷодии мамлакат арбобони эҷодии хориҷӣ низ иштирок намуданд.

Оҳангҳо ва шукӯҳи рангҳои дурахшоне, ки аз маҷмӯи «Роҳи бузурги абрешим»-и Самарқанд ҷило медоданд, дар атроф васеъ паҳн гардида, далели дебочаи тантанаҳои бузурги ҷашнӣ буданд, ки ба 31-умин солгарди истиқлолияти Ӯзбекистон бахшида шудаанд.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Ғолиб ҲАСАНОВ,**
**хабарнигорони ӮзА.**

# ИСТИҚЛОЛИЯТ АСОСИ ҲАЁТИ ОЗОДУ ОБОДИ МОСТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Шубҳае нест, ки дар замири ин ғоя мазмуну моҳияти ниҳоят амиқ ниҳон аст. Азбаски, дар мамлакати мо ҳуқуқу озодиҳои инсон арзиши олӣ маҳсуб меёбанд, дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои табиии шаҳрвандони мо аз қабили зиндагии озодонаи шаҳрвандон, соҳиби манзил ва моликият шудани онҳо, ҳифзи сиҳатӣ, дониш гирифтан ислоҳоти бузург ба амал бароварда мешаванд, дар оянда низ чунин ислоҳот идома хоҳанд ёфт.

Солҳои охир ислоҳоти густурдае, ки баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, таваҷҷуҳ ва ғамхории доимӣ ба ҷавонон, занон, пиронсолон, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд, амалӣ гардида, натиҷаҳои назаррраси мусбат ба даст оварда шуданд.

Хусусан, агар роҳатон ба ягон гӯшаи ноҳияҳои Норин ва Уйчии вилояти Намангон афтад, (он ба ҳайати округи интихоботии 54-уми Норин, ки ман аз он ҷо интихоб шудаам, дохил мешавад), аз болои бунёдкориҳои азим мебароед. Боғчаҳои навбунёд, мактабҳо, иншоотҳои варзишӣ чашми шуморо мерабоянд. Фикр мекунам, ки оид ба гӯштии озод дар мусобиқаи варзишии «Бачагони Осиё-2022», ки дар шаҳри Владивостоки Русия баргузор шуд, чемпион шудани тарбиятгирандаи Мактаби варзишии кӯдакону наврасони ноҳияи Норин Санҷарбек Анварбеков натиҷаи ислоҳоти мо дар ин самт аст.

Яке аз дастовардҳои асосии мо дар ин бобат он аст, ки тафаккури сиёсӣ ва фаъолияти иҷтимоии мардуми мо рӯз то рӯз меафзояд, онҳо нисбат ба рӯйдодҳои гирду атроф бетафовут набуда, дар ислоҳоти мо бо ҳисси дахлдорӣ зиндагӣ мекунанд. Мо далели инро дар он дидем, ки дар рафти муҳокимаи умумихалқии Қонуни конститутсионӣ дар бораи тағйироту иловаҳо ба Қомуси асосии мо аз тарафи халқи мо зиёда аз яксаду панҷоҳ ҳазор таклиф ба миён гузошта шуд.

Чунон ки дар қарор гуфта шудааст, мо барои дар тамоми шаҳру ноҳияҳо, деҳоту овулҳои кишварамон васеъ таҷлил намудани чашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон далелҳои кофӣ дорем. Чунки дар ислоҳоти мо ҳар як ҳамватанамон саҳми муносиб дорад. Ин қарор аз он ҷиҳат ҳам муҳим аст, ки мақсад аз он боз ҳам баланд бардоштани шаъну эътибори инсон, обрую ифтихор, умуман, гиромидошти инсон дар Ватани маҳбубамон мебошад.

**Зафар ХУДОЙБЕРДИЕВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, узви фраксияи ӮзЛиДеП.**

## ХАБАРҲО

### СОХТОРИ КЕШБЭК ДАР САЙЁҲӢ

**Шурӯъ аз 1 сентябри соли равон Вазорати сайёҳӣ таҳти ҳамдастӣ бо Кумитаи давлатии андоз сохтори нави кешбэкро ба кор хоҳад андохт, гуфта мешавад дар хабари хидмати матбуоти вазорат.**

Дар доираи барномаи "Ба сартосари Ӯзбекистон саёҳат намо!", ки таҳти шиори "Саёҳат кун ва кешбэк ба даст овар" ба амал меояд, як қисми харҷи шаҳрвандонамон, ки ба ҳудудҳои гуногуни мамлакати мо саёҳат менамоянд, баргардонда мешавад.

Ҳаминро низ илова карданием, баргардониши харҷҳои сафар фақат барои саёҳатҳои дохилии тавассути платформа ба картаҳои бонкии сайёҳони маҳаллӣ ба амал мебарояд.

### КИТОБ – САРЧАШМАИ ДОНИШ

**Дар мамлакатамон ба чопи китоб ва баланд бардоштани сифату маданияти китобхонӣ эътибор пурзӯр аст. Беҳтарин китобхонҳо қадр карда мешаванд. Вале бо сабабҳои маълум бо китоб ва мутолиа то андозае бегонашавиҳо низ ҳис мешаванд, ки ин ҳодисаи номатлуб.**

Ноширонамон ҳамин ҷиҳатҳоро ба эътибор гирифта, дар роҳи ҷалбсозӣ ба маводи чопӣ чораҳо меандешанд. Масалан, ходимони нашриёти "Янги аср авлоди"ба чопи хушсифати асарҳое бештар эътибор медиҳанд, ки аз ҷиҳати бадеият баланд, шавқовар ва харидоргиранд. Хусусан, китобҳое, ки таҳти рукнҳои "Адабиёти ҷавонон", "Дурдонаҳои адабиёти ҷаҳонӣ" ва "Хонишҳои беруназзинфӣ" ҷомаи таъб ба бар кардаанд, китобхонҳоро ба худ ҷалб менамоянд. Як қатор лоиҳаҳое ба амал бароварда мешаванд, ки аҳамияти муҳими иҷтимоӣ доранд. Чанде пеш дар ҳузури нашриёт студияи театри адабиёти бачагона ташкил карда шуд. Дар асоси воқеоти асарҳое, ки дар растаҳо ҷойгиранд, спектаклҳои хурди шавқовар саҳнавӣ мегарданд. Мисолан, "Буратино"-е, ки дар асоси афсонаи Алексей Толстой намоиш ёфт, шавқи китобхонҳои хурдсолро ба мутолиаи ин асар афзун гардонд.

### АНҶУМАНИ НАВБАТИИ ЭҶОДКОРОНИ ҶАВОН

**Ҳафтае, ки сипарӣ гашт, рӯзҳои муҳим дар ҳаёти эҷодкорони ҷавони мамлакат буданд. Дар хонаҳои эҷодии "Дӯрмон" ва "Паркент" анҷумани навбатии ҷумҳуриявӣ баргузор ва осори навниҳолони боғи адабиёт аз гудози муҳокимаҳо гузаронида шуданд.**

Даставвал иштирокдорони ҷавон бо ҳамроҳии шоиру нависандагон ва мунаққиду адабиётшиносҳои варзида дар Хиёбони адибони пойтахт ҷамъ омаданд, ба пояи муҷассамаи Навоӣ гулдастаҳо гузоштанд. Чорабинӣ дар назди ҳайкали Ҳамид Олимҷон идома кард. Муаррифии китоби "Дар айёми гулшукуфти ҷавониам" баргузор гардид, ки маҷмуаи дастҷамъии иштирокдорони анҷуман мебошад. Мутарҷим ва адабиётшинос, Қаҳрамони Ӯзбекистон Иброҳим Ғафуров, Нависандаи халқии Қароқалпоқистон Кенесбой Каримов, Шоири мардумии Ӯзбекистон Маҳмуд Тоир ва дигарон баромад карданд.

Дар анҷуман, ки се рӯз давом кард, аз рӯи самтҳои назм, наср, драматургия, публитсистикаи бадеӣ, тарҷумаи бадеӣ ва адабиёти рус иштирокдорон ба зершуъбаҳо тақсим шуданд. Дар ҷараёни муҳокимаҳо як қатор адибон ва мутахассисони соҳа фикр, дархост, маслиҳатҳои судманд баён ва дар роҳи тарбияи истеъдодҳо саъй намуданд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**

***Дар вилояти Сирдарё оиди таъмин намудани аҳолӣ бо манзилҳои истиқоматии замонавӣ корҳои васеъмиқёс ба амал татбиқ мешаванд.***

# МАНЗИЛИ ЗАМОНАВИИ БОЁВУТ

Ба қарибӣ дар маҳаллаи Учқӯрғони ноҳияи Боёвут 14 хонаи чорошёнаи замонавӣ дар асоси лоиҳаи намунавӣ ҷиҳозонида, ба истифода супурда шуд.

Хонаҳо бо хати оби ошомиданӣ, гази табиӣ, қувваи барқ таъмин гардида, роҳҳо васеъу ҳамвор ва кӯчаҳо бо лампаҳои ҳозиразамон равшан мебошанд. Дар ҳудуди хонаҳо майдончаҳои варзишӣ барои бачагон сохта шудаанд. Алҳол корҳои таъмиру таҷдиди 8 хонаи бисёрошёна идома доранд.

Дар корҳои сохтмону монтажи хонаҳо зиёда аз 500 нафар бинокорони гулдасти ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Шаҳар қурулиш инвест» ва «Гулистон қурулиш савдо», 30 техникаи махсус ва 60 воситаи нақлиёти автомабилӣ хидмат карданд.

Имрӯзҳо дар ҳудуди маҳалла корҳо оиди мумфарш кардани роҳҳо, таъмири мактаби таълими умумӣ, таъмиру таҷдиди поликиникаи оилавӣ ва идораи маҳалла муташаккилона бурда мешаванд.

Соли оянда дар ҳудуди ин маҳалла боз 14 сохтмони биноӣ ҳафтошёна пешбинӣ шудааст.

Ба қарибӣ дар ноҳияи Сардоба низ 8 хонаи аз рӯйи лоиҳаи намунавӣ сохташуда ба соҳибонашон дар сурати тантанавӣ супурда шуданд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**

*Вилояти СИРДАРЁ.*

*Дар нигористон*

# ДАР НАМОИШГОҲ ОСОРИ ХАТТОТИИ ЭРОН

Дирӯз дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд бо ҳамдастии сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ӯзбекистон ва дигар вазорату ниҳодҳои эҷодии ҳар ду ҷумҳурӣ бахшида ба муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории байни Ӯзбекистон ва Эрон намоиши асарҳои наққошон ва хаттотони Эрон баргузор шуд.

Дар чорабинӣ хаттотони касбӣ, олимони санъатшинос, алоқамандони ҳунари тасвирӣ ва донишҷӯён иштирок намуданд.

Намоишро коршиноси шуъбаи дипломатияи ҷамъиятӣ ва ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори оммавӣ хонум Марям Шамсободӣ кушода, таъкид намуд, ки хаттотӣ ҳамчун асари бадеию таърихӣ лавҳаҳои гуногуни рӯзгорро дар худ инъикос менамояд.

Дар намоишгоҳ асарҳои хаттоти моҳир Ёдулло Кобули Хонсорӣ ба маъраз гузошта шудааст.

Бинанда, ба онҳо нигариста, манзараҳои дуру наздики рӯзгори халқро пеши назар меоварад. Пас, онҳо мӯҳри таърихро дар худ инъикос намудаанд.

Намоишгоҳи мазкур ба васеъ тарғиб намудан, нигоҳ доштани намунаҳои беҳтарини асарҳои амалии мардумӣ ва тасвирӣ, инчунин ба шинос намудани осори хаттотони Эрон нигаронида шудааст.

Дар осори дар маъраз гузошташуда ғояи накӯкорӣ, сулҳ, ризоият, ки аз таълимоти



дини мубини ислом бар меояд, инъикос ёфтаанд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
**Суратгир: Т. ХОВАРӢ.**

# ДАР БОРАИ ИСЛОҲОТИ ВАСЕЪМИҚЁСИ ЎЗБЕКИСТОН БО ЗАБОНИ ПОЛЯКӢ

***Маҷаллаи махсус таҳти унвони «Ўзбекистони Нав: динамикаи рушд дар давраи ислоҳотии бунёдӣ» аз ҷониби сафорати Ўзбекистон омода шуда, аз ҷониби нашриёти «REA» ва консерни табъу нашри «DrucarniaSkleniarz» ба забони полякӣ нашр шуд.***

Нашр ба 31-умин солгарди истиқлолияти кишварамон бахшида шудааст. Дар он ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар тўли шаш соли охир дар кишвар анҷом дода мешавад, инъикос ёфтааст, ки натиҷаи онҳо асоси сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоию иқтисодии Ўзбекистони Навро ба вуҷуд меорад.

Дар маҷалла таҳлили Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав, ки ба пешрафти устувори кишвар нигаронда шуда, ба тамоюли давлати иҷтимоӣ асос ёфтааст, оварда шудааст.

Ба масъалаи гузарондани ислоҳоти конститутсионӣ, такмил додани низоми сиёсӣ ва маъмурӣ, назорати парлумонӣ, рушди институти замонавии маҳалла таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст.

Ташаббусҳои нави сарвари давлат дар соҳаи ҳуқуқи инсон, такмили қонунгузории маъмурӣ, ҷиноӣ, шаҳрвандӣ ва иқтисодӣ нишон дода шудааст.

Оид ба дастгирии пайвастаи оила, занон ва ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо чораҳои алоҳида андешида шудаанд.

Бо назардошти манфиатҳои миллӣ, ки аз ҷониби Президент Шавкат Мирзиёев ташаккул ёфтаанд, ба масъалаҳои рушди технологияи рақамӣ, стратегияи «Ўзбекистони рақамӣ-2030», инноватсияҳои IT, офаридани энергетикаи «сабз», татбиқи лоиҳаи «Макони сабз» таваҷҷуҳ дода шудааст.

Боби махсус ба иқтисодиёт – драйвери асосии рушди Ўзбекистон, озодгардонии минбаъдаи он, такмил додани рақобат, аз байн бурдани монополияҳо, ҷалби бештари сармояҳои хориҷӣ, ба эътидол овардани нархҳо ва ғайримарказикунонӣ бахшида шудааст, ки ба минтақаҳо ваколатҳои зиёд медиҳад. Комёбиҳо дар рушди раги нақлиётӣ, аз он ҷумла байналмилалӣ, дар доираи стратегияи нави нақлиёти Ўзбекистон ифода ёфтаанд. Комёбиҳои нав дар сектори аграрии кишвар, ки дар он ҷо технологияҳои рақамӣ бо шиддат ҷорӣ карда мешаванд, нишон дода шуданд.

Дар маҷалла инчунин доир ба вазъи имрўза ва дурнамои рушди таълим, фарҳанг, илм, тандурустӣ, сайёҳӣ ва варзиш дар Ўзбекистони Нав дар асоси омўзиши амиқ ва таблиғи васеи мероси ғании ниёгони бузург маълумот дода мешавад.

Вазъи кунунии амният ва иқтидори мудофиавии Ўзбекистон, самти замонавии сиёсати хориҷии кишвар, ҳамкории Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, вазъият дар Афғонистон, инчунин ташаббусҳои нави давлат дар самти мазкур кушода дода мешавад.

Алоҳида қайд карда мешавад, ки дар солҳои охир таърихи нави Ўзбекистон офарида мешавад ва ин комёбиҳо барои авлоди оянда ҳамчун мероси муносиб хидмат мекунад.

Теъдоди маҷалла 1 ҳазор нусха мебошад. Ин шумора дар байни доираҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, илмӣ, тиҷоратӣ, журналистӣ, инчунин зиёда аз 400 ширкати сайёҳии Полша паҳн карда шуд.

**АИ «Дунё»,**

*ВАРШАВА.*

**Дар арафаи ҷашни истиқлолияти кишвар дар вилояти Намангон ба истифода супурдани объектҳои муҳими иҷтимоӣ ба анъанаи нек табдил ёфтааст. Аз ҷумла, дар арафаи 31-умин солгарди истиқлолият дар деҳаи Кумкӯргони вилоят мактаби байналхалқии барои бачаҳои болаёқат ихтисосонидашудаи ба номи Ал-Хоразмӣ ба кор шурӯъ кард.**




# ДАР НАМАНГОН МАКТАБИ БАЙНАЛХАЛҚИИ БА НОМИ АЛ-ХОРАЗМӢ КУШОДА ШУД

Мактаби хусусии байналхалқии мазкур – дар водӣ яке аз нахустин мактабҳо, ба 450 нафар хонанда пешбинӣ гардида, бо маблағи соҳибкор Муҳриддин Хоҷиакбаров (дар ҳаҷми 12 миллиард сўм) сохта шудааст. Синфхонаҳои мактаб бо техникаи замонавӣ ҷиҳозонида шудаанд. Дар ин ҷо мактабиён фанҳои математика, технологияи информатсионӣ ва забони хориҷиро меомўзанд. Дар ҳоли ҳозир дар мактаб 51 мутахассис: омўзгорон ва ходимони техникӣ фаъолият доранд, оянда 90 мутахассис ба кор ҷалб карда мешаванд.

Мактаби Ал-Хоразмӣ ба амиқ омўхтани забони англисӣ ихтисосонида шудааст. Дар соли равони хониш дар ин ҷо 440 нафар мутахассисони оянда бо таълим фаро гирифта мешаванд. Барои ба натиҷаҳои хуб ноил гардидан, барилова, ба мактаби байналхалқӣ 4 мутахассиси бомаҳорати кишварҳои хориҷӣ ҷалб карда хоҳад шуд.

– Дар муассисаи таълимӣ барои омўзгорон курсҳои махсус доир ба зиёд кардани маҳорати дарсҳои электронӣ созмон дода шудааст, – мегўяд директори муассисаи таълимии ғайридавлатӣ Ҷамолиддин Абдуллоев. – Ба онҳо тибқи технологияҳои замонавӣ имкони роҳандозӣ кардани дарсҳои инноватсионӣ ба вуҷуд меояд. Асбобҳои аёние, ки омўзгорон сохтаанд, имкони тавассути тахтаҳои интерактивӣ ба роҳ мондани таълими онлайнро медиҳад. Падару модарон баҳои фарзандони худро бино ба



ин ё он фан метавонанд тавассути браузер ё смартфонҳо бубинанд.

Шубҳае нест, ки мактаби байналхалқии мазкур барои бачаҳои Қумқўрғон ба маскани аз худ кардани асосҳои илму фан табдил мeёбад ва онҳо дар оянда ба рушди кишварамон саҳми назаррас хоҳанд гузошт.

Дар маросими кушоиши мактаби байналхалқии ба номи Ал-Хоразмӣ ҳокими вилояти Намангон, узви Сенати Олий Маҷлис Шавкат Абдураззоқов иштирок намуд.



**Оқилхон ДАДАБОЕВ,**
**мухбири ЎзА.**

***Дар акс:*** *дар мактаби махсуси байналхалқии бачаҳои болаёқати ба номи Ал-Хоразмӣ.*

***Аксбардор:***
***Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

*Ҳунар чашмаи зоянда*

# ЧАРОҒБОНИ ҲУНАРИ БОБОӢ

Кулоли машҳури самарқандӣ Илҳомҷон Воҳидӣ – набераи Усто Умар Ҷўрақулов, дар соли 2002 ба Сармуншии Созмони Милали Муттаҳид Кофи Аннан муҷассамаи композитсиониеро ирсол дошта буд.

Устои машҳурро муяссар гардидааст, ки дар он симои ҷамъбастии даҳшатафканиро дар муҷассама ифода намояд: Махлуқи ваҳшӣ чанголи нугтезашро ба тани нозуки сайёра фурў нишонда, тайёр аст, ки ҳама мавҷудоти зиндаро маҳв бисозад. Аммо худи вай дастгир шуда, бо дасти тавоно таҳти фишор чун ҷавоби сазовор аз ҷониби сайёра қарор дорад. Дастҳое, ки кураи замин дар рўйи онҳост, мероси аҷдод, мақомоти ҷамоатӣ, давлатӣ ва байналмилалӣ, ҳаёт ва сулҳро ҳифз мекунанд. Дар пояи муҷассама ситораи шашгўша – нишони оташпарастӣ ҷойгузин аст. Ёдовар мешавем, ки андешаи асосии китоби осмонии зардуштия – "Авесто" набарди хайру шар аст. Дар поёнтар эпиграфи муаллиф, ки ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии ўро инъикос менамояд, оварда шудааст. Он ҳам андарзе барои ҳамзамонон ва насли оянда аст: "Одам ҳангоми даргузашт аз дунё ҳамаи бадиҳоро бо худ гирифта, дар ҷаҳон хубиҳоро ба ёдгор мегузорад".

Ба Илҳомҷон Воҳидӣ ҷавоби яке аз роҳбарони сохтори СММ Ҷонсон Бритсон расидааст, ки чунин сатрҳоро дорад: "Иҷоза фармоед, то сипосро барои лутфу марҳамататон арза дорам. Барои он ки Шумо шамъдони кулолиро, ки ифодагари пирўзии бани башар бар даҳшатафкании байнимиллӣ мебошад, фиристодед".

Илҳомҷон Воҳидӣ ҳадяи фиристодаро ба СММ аз асарҳои беҳтарини худ мешуморад.

Хуб, устои кулоли машҳури самарқандӣ кай ба ин ҷодаи ҳунар қадам ниҳод?

Ҳанўз овони наврасӣ, дар понздаҳсолагӣ шавқу ҳаваси Илҳомҷон ба ҳунари кулолӣ бедор гардидааст. Вай кори бобояш Усто Умар Ҷўрақуловро наззора мекард ва дар дил орзу мепарварид, ки кулоли гулдаст шавад.

Пас аз он ки ба бобояш устохонаи алоҳида ҷудо карданд, Илҳомҷон ба ҳамон ҷо рафта, санъати кулолиро меомўхт. Азбаски нерўяш ба кор дар чархи кулолӣ намерасид, бо машварати устоҳо аз гил ҳар гуна ҳайкалчаҳо месохт.

Пас аз хатми мактаби миёна ва адои хидмати ҳарбӣ чанде дар комбинати нон кор кард, аммо он ҷо дуру дароз кор карда натавонист. Вай дарк кард, ки ҷойи ў дар устохонаи бобояш аст. Шояд садои сулолаи ниёгони кулолаш, ки 400 сол боз бо ин ҳунар сарукор доштанд, вайро ба сўйи ҳунари аҷдодӣ мехонд.

Аз соли 1980 ў дар ҳар гуна озмуни вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ширкат дошт ва комёбу пирўз ҳам мегардид. Соли 1983 кулоли ҷавон ва боистеъдодро ба узвияти Иттиҳоди мусаввирони ИҶШС пазируфтанд.

Аз ў суол кардем, ки ҳунари кулолӣ ба ҷуз нерўи ҷисмонӣ боз чиҳоро тақозо дорад?

– Кулол бояд то ҷое мусаввир низ бошад, – посух дод ў.

Усто Илҳомҷон Воҳидӣ дар замони шўравӣ ба Белоруссия, Украина, Ҳуланд, Юнон ва ғайра сафари ҳунарӣ анҷом додааст. Вай зимни суҳбат гуфт:

– Дар мамлакатҳои хориҷӣ мушоҳида кардаам, ки кулолҳоро бештар майлу хоҳиш ба ҷараёнҳо, услубҳои кубизм ва авангард аст, онҳо технологияи баландро соҳиб мебошанд.

Дар хусуси мактаби кулолии Мусаввири мардумии Ўзбекистон Усто Умар Ҷўрақулов чунин гуфт:

– Имрўз кори бобоямро академик Худойбердӣ Ҳақбердиев, Устои халқии Ўзбекистон Азим Шарифов ва Холмамат Исматуллоевҳо идома дода истодаанд. Ман дар яке аз мадрасаҳои Регистон дари устохонаамро боз кардаам ва шогирдони мактаби рақами 2-юмро, ки дар шафати он воқеъ аст, ҳунари кулолӣ меомўзам. То ҷон дар рамақ дорам, кўшо дар ҳунару кори бобоям мешавам ва нахоҳам гузошт, ки шўълаи мактаби кулолии ў хомўш гардад...

**Ўктам ИБРОҲИМ.**

*САМАРҚАНД.*

***ФАРҒОНА:***

# ИД АЗ ПАЙИ ИД ОМАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Он рўз дур нест, ки баъди таъсиси чунин унвони ифтихорӣ меҳнату шуҷоати як идда соҳибкорони вилояти Фарғона низ аз тарафи Президент қадр карда хоҳад шуд.

Ҳодисаи дигари хурсандибахш дар вилоят ба шарафи 31-умин солгарди истиқлолияти Ҷумҳурии Ўзбекистон ифтитоҳ ёфтани боғи ҷавонон дар қаламрави ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Хонободи ноҳияи Ёзёвон мебошад.

Барои амалӣ шудани ин кори хайр, ки бо ташаббуси роҳбарони ноҳия сурат гирифтааст, 500 миллион сўм сарф шуд. Масоҳати умумии майдони боғ тақрибан як гектарро ташкил медиҳад. Дар он ниҳолҳои дарахтони гуногун, гулҳо парвариш мeёбанд, инчунин фаввора, амфитеатр, қаҳвахона, асбобҳои варзишӣ ва ғайра дар ихтиёри мардум қарор гирифтаанд,– мегўяд ҳокими ноҳия Дилшодҷон Ҷалилов.

Вай меафзояд, ки дар арафаи ҷашни 31-умин солгарди истиқлолияти Ҷумҳурии Ўзбекистон ин боғи истироҳат бо тантанаи хос ба истифода дода мешавад. Як гурўҳ бузургворони кору меҳнат лентаи рамзиро бурида, ба ҷавонон фотиҳа доданд. Дуо карданд, хонае ки бо саҳми мардуми зиёд дар ин ҷо бунёд ёфтааст, ба боғи шифобахш табдил ёбад. Ин ба ҳамон маънӣ мебошад, ки пиру ҷавони ба ин ҷо барои истироҳат омада бо фароғат дам гиранд ва ҳар кӣ бемор аст, аз ҷисми худ он бемориро рафъ созад.

Маросими ифтитоҳи боғи ҷавонон ба тўйи хатнасурии 31 кўдак пайванд шудааст. Дар ин маросими хатнасурӣ муовини ҳокими вилоят Мақсадҷон Исақов, яке аз пиронсоли кишвар Асилхон Тўра Исоев, намояндаи кластери РОСКО ба онҳое, ки дар бунёди боғ саҳм гирифтанд, арзи миннатдорӣ баён кардаанд. Инчунин, даст ба дуо бардоштаанд, ки фарзандони хатнасуришуда дар оянда аз фарзандони фидокори Ватан шуда ба воя расанд ва ба нафъи он ва мардум бо садоқат хидмат кунанд, дониш омўзанду қуллаҳои баланди илмро фатҳ намоянд.

Ба ин кўдакон китобҳои Қуръон, велосипед, бозичаҳо ва шириниҳо тақдим карда шуд. Барои зиёда аз 500 нафар сокинони ҷамоати шаҳрвандони маҳалла дасторхони пурнозу неъмат оростанд.

Қисми бадеии ифтитоҳи боғи ҷавонон ва тўйи хатнасўриро коркунони шуъбаи маданияти ноҳия бар дўш доштаанд.

**Азимҷон ХУДОЙҚУЛОВ,**
**журналист.**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Лутфи латиф*

# САРГУЗАШТҲОИ НАВИ БОБОКЎҲӢ

Бобокўҳӣ вақти саҳарӣ аз хоб хест, якбора дандонаш ба дард даромад. Чӣ илоҷ, раҳи поликлиникаро пеш гирифт. Одам бисёр будааст, маҷбур навбат гирифт. Кор омад накунад ҳам намешудааст. Навбати ў расида буд, ки духтур аз дари утоқаш гардани борикашро бароварда гуфт: «Вақти хўроки нисфирўзӣ шудааст». Хуб гуфту ягон соат гирду пеш сайр кард, то вақтро гузаронад. Ниҳоят вақти муқаррарӣ тамом шуд. Вале аз духтур дарак набуд. Расо як соат дер карда омад. Аз қошу қавоқаш барфу борон мерехт. Ҳеҷ касро маҷоли гап задан набуд. Охир чӣ ҳам мегуфтед, дер ё зуд таги анбураш меафтед. Дандонаш сахттар ба дард даромад. Болокорӣ аз ҷойи кораш ду маротиба занг заданд.

Акнун навбаташ расида буд, ки як занак, ки кўдак дар бағал дошт, омад. Чӣ илоҷ, одоб, аввал вайро гузаронд. Ҳанўз зану кўдак аз дарун набаромада, занаки барзангии дигаре бо доду вой омад. Вай ба навбат ҳам нигоҳ накарда, бе пушт-пушт ба ҳузури духтур даромад. Дарди дандон кам-кам майнаи сарашро ба ҷўшондан сар кард. Домани сабрро маҳкам дошта, дар толори поликлиника пасу пеш қадам мезад, ки баногаҳ як мардаки тоқипўши тану тўшдори солхўрда омад. Вай дари духтурро тақ-тақ зада, нимкора кушода буд, ки аз дарун садои духтур ба гўш расид: «бед, муаллимҷон, бед!». Оббо, ин чӣ рўз буд, – аз дил гузаронд Бобокўҳӣ.

– Алло, ал-ло-о, чиба гап намезанед, кай мебиёед, хона меҳмон меомадааст, зуд бошед, – баногаҳ садои зан ба гўшаш расид. Чашмаш ба навиштаҷоти пушти дар афтод, ки навишта буданд: «Вақти қабул аз соати 8 то 16». Соати дасташро нигоҳ кард: аз чор панҷ дақиқа гузаштааст...

***

Балое ногаҳонӣ омаду манзилеро ба пуррагӣ сел бурд. Чанд нафар аз он дар амон монданд. Дар он миён Бобокўҳӣ шоду масрур шукри Яздон мекард. Гуфтанд, ки чаро ҷое, ки тавба бикунӣ, билакс шукргузорӣ мекунӣ? Гуфт:

– Ба он хотир, ки солҳо танҳо ман хона надоштам ва дар ба дари мардум мегаштам. Шояд, ба сифати аз офат зарардидае, ман ҳам соҳиби кулба шавам.

***

Муллое Бобокўҳиро насиҳат карду гуфт, ки одам бояд босабру тоқат ва шукргузор бошад. Вай зуд ҷавоб дод:

– Ба як касалӣ шукр кардам, дуюмаш рў намуд. Ба дуюмаш тоқат кардам, сеюмаш гул кард. Ба сеюмаш розӣ шудам, чорумаш дандон сафед кард. Ба чорумаш шукргузорӣ кардам, панҷумаш дар мағзи шикам нақора ба даст гирифт... Ба ман нигоҳ кунед, номи ман Бобокўҳист, на Шукрулло.

***

Аз Бобокўҳӣ пурсиданд:

– Дорову тавоно кист?

Гуфт:

– Он ки аз яке илму хирад, аз дигаре маданияту маърифат, аз сеюмӣ мулку давлат, аз чаҳорумӣ молу сарват рабуда, даст бар сина мезанад, ки ман дорою тавоноям!

***

Бобокўҳиро хонуме карехсурат пеш омад. Вай қоидаи хушгуфториро риоя карда, ба ў муроҷиат кард:

– Зебосанами нозанин!

Азбаски хонуми аз ҳусни худ огоҳ боре бо чунин ибора лутф надида буд, якбора шўрид:

– Хунукбашара!

Бобокўҳӣ ҳам паст наомада оҳистаяк гуфт:

– Бале, мо худро мешиносем, аммо ба он чӣ ки гуфтед, «–тарин»-ро илова кунед, шумо ҳам худатонро иншооллоҳ мешиносед!

***

Тану ҷони одам бедард шавад, хуб намешудааст! Мана, худатон як санҷида бинед. Ҳамин ки аз хоб хестед, маҳин-маҳин чашматон дард кунад, шукр мегўед, ки он узв дар шумо ҳаст. Рост-дия, дар баъзеҳо якеаш, дар бархеи дигар ҳар дуяш ҳам нест. Ё тавба! Ё агар поятон майда-майда ҷўш занад ҳам, худи ҳамин хел! Охир фоидаашро бинеду роҳат кунед. Якум, ин ки шумо сари як дард ду маротиба Худоро, яке дар сари шукру дигаре дар сари тавба ба забон мегиреду ёд мекунед. Дуюм, ин ки шумо дар ҳақиқат медонед, ки он узв дар шумо ҳасту амал мекунад. Сеюм, ҳушёр мешавед, он мавзеъро ғамхорӣ менамоед. Чорум, мағрур намешавед, ки шумо як камбудие надоред. Бинобар ин, мо розӣ нестем, бо ононе, ки мегўянд, дард балост. Баръакс, дард дардмандонро кони давост.

***

Рўзе Бобокўҳӣ бо гурўҳе аз ҳамсафарон савори мусофиркаш аз бари қабристон мегузашт. Ҳама даст ба рў кашида омин гуфтанд. Танҳо Бобокўҳӣ ба дигар самт назар афканда, гузашта рафт. Муллое, ки бо онҳо ҳамроҳ буд, ба вай бо киноя рўй оварда гуфт:

– Чаро ҳама даст ба дуо бардоштанд, шумо аз ин ганҷи охират худатонро бенасиб гардондед?! Вай лабханде заду гуфт:

– Худо медонад, дар охират ба рўйи кадоме аз мо хазинаи ганҷ мекушоянд, ман ба сабаби он ки аҳли ин қабристонро намешиносам, аз даст кушода омин гуфтан парҳез кардам. Мабодо дар ин ҷо ягон фосиқро гўронда бошанд ё ягон аҳмақи дўзахии аз ду дунё бехабарро, ман ҳам ба дўзах наравам.

***

Бобокўҳӣ бо ҳамсафарон аз бари қабристони ғайриисломӣ мегузаштанд. Вай даст ба омин бардошта дуои дурударозе кард. Муллое, ки бо онҳо якҷоя мерафт, тамасхуромез гуфт:

– Эй аҳмақ, ин чӣ кори кардаи ту, ки дар мазори «ғайридинҳо» дасти дуо бардоштӣ?

Бобокўҳӣ гуфт:

– Ман дуо кардам, ки Худоё ин ғайридинҳоро мусулмон гардон, ки мабодо аз ҷойҳояшон ба сабаби омин нагуфтани муллоямон хеста, мо мусофиронро лагадкўб накунанд.

**Ҳикмат СУЛТОНЗОДА.**

*Ислоҳоти Ўзбекистони Нав*

# ХИШТИ АВВАЛ ЧУН НИҲАД МЕЪМОР...

***Саноат Зоҳидова 14-уми августи соли 1988 дар маҳаллаи Андиҷонии ноҳияи Самарқанд дар оилаи зиёӣ чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳсил гирифта, фаъолияти меҳнатиашро пас аз хатми магистратура ҳамчун омўзгор дар Донишкадаи бозомўзӣ ва такмили ихтисоси ходимони таълими халқи вилояти Самарқанд оғоз намудааст. Аз соли 2019 дар кафедраи "Педагогика ва психологияи таълими томактабӣ"-и ДДС ҳамчун омўзгор, мудири кафедра, аз соли 2021 инҷониб декани факултаи таълими томактабии Донишкадаи педагогии Ўзбекистон – Финляндияи (назди) Донишгоҳи давлатии Самарқанд аст.***

***Аз соли хониши 2021-2022 факултаҳои педагогӣ дар алоҳидагӣ ба Донишкадаи педагогии Ўзбекистон – Финляндия табдил ёфт.***

***Факултет дар зарфи мавҷудияташ ба кадом муваффақиятҳо соҳиб шуд? Норасоӣ ва муаммоҳое, ки садри имрўзаи факултаро озор медиҳад? Дар кадом шакл, тарз ва забони таълим монеаҳо дида мешаванд? Оё хатмкардагони факултет бекор намемонанд?***

***Чунин пурсишҳо моро водор намуд, ки бо декани факултет, номзади фанҳои педагогӣ, доктори улуми фалсафа Саноат ЗОҲИДОВА суҳбат дошта бошем.***



**– Муаллима, соли гузашта Шумо – устодон парастуҳои аввалини факултетро сўи олами таълими кўдак боли парвоз бахшида будед...**

– Хеле қиёси зебо. Дар ҳақиқат, ҳоло факултети мо ба хатмкунандагоне, ки таи се сол асрори таълими томактабиро омўхтанд, дипломи бакалаврӣ медиҳад. Дар факултаи таълими томактабӣ донишҷўён дар шуъбаҳои рўзона (3 сол), шабона (3,5 сол) ва ғоибона (4 сол) таҳсил мегиранд.

Аз ҷониби ҳукумат ба тайёрнамоии кадрҳои соҳаи таълими томактабӣ эътибори ҷудогона зоҳир мегардад. Қарори Президент "Дар бораи боз ҳам такмил додани соҳаи таълими томактабӣ" ҳар як вакили соҳаро водор месозад, ки нисбати вазифаи худ боз ҳам масъулиятшинос шуда, пайваста дар омўзиш бошанд.

**– Мувофиқи Қарори Президент аз бахши дуюм барои донишомўзон тартиби "4+2" ҷорӣ мегардад...**

– Дуруст. Президент ба соҳаи таълим эътибори махсус медиҳад. Тартиби "4+2" имкон медиҳад, ки кори дониши назариро ба амалӣ пайванданд. Донишҷўён чор рўз дар муассисаи таълими олӣ таҳсил мегиранду ду рўз дар ташкилоти таълими томактабӣ, мактабҳои миёнаи умумӣ мешаванд. Инчунин, аз соли 2023 Барномаи иловагии омўзиши педагогӣ ба амалиёт ҷорӣ мегардад. Бар асоси пардохт донишҷўёни дар ду курси охир таълимгиранда дар вақти холии худ низ ба таври иловагӣ асрори фанро меомўзанд. Дар ин курсҳо аз ҷониби вазорат, идора ва ташкилотҳои манфиатдор грант ҷудо хоҳад шуд. Пас аз хатми муассисаи олӣ ба донишҷўён барои хониши курси махсус сертификат дода мешавад.

**– Бигўед, ки ин сертификат чӣ гуна имтиёз дорад?**

– Аксар хатмкардагони муассисаҳои олӣ дар курси азнавтайёркунӣ мехонанд. Чи тавре ки дар боло гуфтам, донишҷўи курси болоӣ дар вақти холӣ дар курси махсус мехонад. Хатмкунандаи муассисаи олӣ баробари супоридани диплом сертификат ҳам мегирад. Ин сертификат имкон медиҳад, ки дар Донишкадаи бозомўзӣ ва такмили ихтисос нахонда, дар муассисаҳои таълими томактабӣ, миёна, миёнаи махсус ва касбӣ бо фаъолияти педагогӣ машғул шаванд.

**– Ходимони муассисаи таълими томактабӣ монанди меъморанд, ки хишти аввали биноро бузургро мегузоранд. Мустаҳкамии бино, таровату шаҳомати он маҳз ба устои поягузор вобастагӣ дорад.**

– Хеле хуб таъкид кардед. Бояд худи омўзгороне, ки кадрҳои соҳаи таълими томактабиро тарбия мекунанд, донишманд, масъулиятшинос ва соҳибтаҷриба бошанд. Мувофиқи қарори сарвари давлатамон ҳар сол бештар аз 5 фоизи профессору омўзгорони муассисаҳои таълими олии педагогӣ аз ҳисоби бунёди берун аз буҷет интихобан барои бозомўзӣ ва такмили ихтисос ба давлатҳои хориҷӣ фиристода мешаванд. То соли 2024 барои донишҷўён методҳои таълими мустақилона, сохтори таҳлилкунӣ ва фикри эҷодӣ ҷорӣ мегардад. Инчунин, сохтори идоракунии ҷараёни таълими олӣ ба амал татбиқ мегардад. Дар сохтори ахбор барномаҳои хониши электронӣ, корҳои илмиву тадқиқотӣ, маводи таълими мултимедиа, сабти аудио, навори видеоии маърўзаҳо ва ғайра пешкаш мегардад.

**– Муаллима, соли хониши нави 2022-2023 оғоз меёбад. Устодону таълимгирандагони ташнаи илм боз ба даргоҳи маърифат мешитобанд, ки аз оби зулоли дониш баҳра бардоранд...**

– Барои таълимгирии донишҷўён тамоми шароитҳо муҳайёст. Кабинетҳои лабораторӣ физика, кимиё, биология ва таълими технологӣ бо асбобу ускунаҳои замонавӣ муҷаҳҳазгардида интизори донишҷўён аст. Бигзор, ҷавонон соҳиби дониши қавӣ гарданду барои ободӣ, ривоҷи мамлакат саҳми босазо гузоранд.

**– Президент дар ҳар бароmади худ таъкид менамояд, ки бояд ҳар як кўдак нахуст дар кўдакистон тарбия ёбад...**

– Бале, имрўзҳо барои дар амал тасдиқи худро ёфтани фикри Сарвари мамлакатамон шароит фароҳам аст. Кўдакистонҳои нав барпо мегарданд. Таъмири хушсифати боғчаҳо фарзандони моро хурсандӣ мебахшад....

**– Назари Шумо дар бораи забони таълим дар кўдакистон чӣ гуна аст?**

– Ҳалли муаммои забон ба худи соҳибзабон сахт вобастагӣ дорад. Мувофиқи Конститутсия бояд ҳар як шаҳрванди мамлакат ба забони модарии худ таълим гирад, тарбия ёбад. Аз тарафи давлат ин имкониятҳо ҳаст. Худи тарбиятгар барои фарзандаш забони таълимро бояд интихоб намояд.

Масалан, дар факултети мо донишҷўён ба се забон тоҷикӣ, ўзбекӣ ва русӣ таълим мегиранд. Вақти қабул ба донишгоҳ дар се гурўҳ ҳам довталабон зиёданд. Вале пас аз чанде маълум мешавад, ки аксарияти толибилмони гурўҳҳои тоҷикӣ ба гурўҳҳои дигар гузаштаанд ё бо хониши иловагӣ забони таълимашонро дар ҳуҷҷаташон дигар кардаанд.

**– Барои суҳбат ташаккур!**

Мусоҳиб
**Дилрабо НАСИМӢ.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

*Варзиш*

***Аз рўи реҷаи ҳаракат қатораи тезгарди «Афросиёб» субҳ дар вокзали шаҳри Самарқанд омада қарор мегирад. Бо вуҷуди он баъзе пешвозгирандагон ба назди маълумотдиҳанда омада мепурсиданд, ки поезди «Тошканд – Самарқанд» кай меояд. Ин бесабаб набуд. Зеро маҳз дар ҳамин поезд ғолиби Олимпиадаи 44-уми шоҳмот фарзанди фарзонаи Самарқанд, гроссмейстери байналхалқӣ Ҷаҳонгир Воҳидов меомад.***

# ЧЕМПИОНИ ОЛИМПИАДА БА ЗОДГОҲ ОМАД



Ниҳоят қатора бонг заду дар роҳи пеш қарор гирифт. Мухлисони бешумори шатранҷ, ёру дўстон, хешу пайвандон чемпионро бо гулдастаҳои тару тоза пешвоз гирифтанд.

Мо аз фурсат истифода бурда аз Ҷаҳонгир пурсидем, ки лаҳзаҳои гуворо ва хотирмони олимпиада кадом буд?

– Баъди ғолибиятро ба даст даровардан шахсан занг зада, табрик гуфтани сарвари давлатамон,– бо ҳисси шодмонӣ лаб ба сухан кушод Ҷаҳонгир, – вуҷудамро ҳаяҷон пахш карда, аз номи дастаи яккачин арзи сипос намудам.

– Нақшаҳои оянда аз чиҳо иборатанд?

– Ўзбекистон мизбони Олимпиадаи ҷаҳонии шоҳмот дар соли 2026 мешавад. Мо тасмим гирифтем, ки шоҳсуфаи баландро аз даст надиҳем. Албатта дар чемпионати ҷаҳон низ парчами давлатамонро албонҷ диҳем.

– Ҷаҳонгир, имрўз мардуми зиёди Самарқанд ба пешвозат омадаанд ва дар байни онҳо наврасон бисёр...

– Бо ташаббус ва дастгирии сарвари давлат дар Ўзбекистон шоҳмот ривоҷу равнақ меёбад. Умедворам, ки дар оянда сафи чемпионони ҷаҳон, Аврупо ва Осиё бисёр мешаванд. Агар олимпиадаи соли 2026 дар Самарқанд баргузор гардад, нуран аъло нур буд...

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ҲОКИМ МАКТАБҲОИ ШАҲРРО АЗ НАЗАР ГУЗАРОНД

***Ба туфайли эътибори ҷудогона нигаронидан ба соҳаи мактабу маориф ҳолати биноҳои муассисаҳои таълимӣ торафт беҳ гардида, намои замонавӣ пайдо мекунанд.***
***Инро дар мисоли мактабҳои шаҳри Ҷиззах гуфтанӣ бошем, дар як фурсати кўтоҳ бинои панҷ мактаб сохта мавриди истифода қарор гирифт, ки дар онҳо имконияти таҳсил намудани 5148 нафар хонанда ба вуҷуд омад.***

Дар маҳаллаи «Заргарлик» барои 990 нафар, дар мавзеи «Olmazor city» бошад, бахри 1680 нафар хонанда биноҳои нави замонавӣ месозанд, ки дар назар аст то моҳҳои октябр-ноябр ба анҷом расад.

Ба ғайр аз ин, дар ҳудуди маҳаллаи Ҳамид Олимҷон бинои нави замонавии мактаб барои 528 хонанда сохтанд, ки аз соли нави хониш дарсҳо дар он ҷо ҷараён хоҳад гирифт. Дар ҳамин маҳалла сохтмони бинои мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 22 идома дорад, ки барои 960 нафар хонанда пешбинӣ шудааст.

Дар асоси Барнома бинои мактаби рақами 23-юми маҳаллаи Амир Темур низ мукаммал таъмир мегардад.

Ҳокими вилояти Ҷиззах Эргаш Солиев аз мактабҳои шаҳри Ҷиззах дидан кард ва ҷараёни сохтмону таъмир, ҳолати омодагии онҳоро ба соли нави хониш бо чашми худ дид. Ба масъулон дар ин бора тавсияҳои зарурӣ дод.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*



# «ҲУМО» – БОЗГАШТ БА БОЗӢ

*Дар мавсими пешистодаи 2022-2023 клуби хоккейи ватанӣ – «Ҳумо» дар чемпионати Қазоқистон (Pro Hokey Ligasy) барои Ҷоми Қазоқистон зўрозмоӣ мекунад.*

*Ҳоло бозингарони клуб таҳти роҳбарии сартренер Евгений Попихин ба мавсими нав омодагӣ мегиранд. Клуб чанде қабл аз Минск (Ҷумҳурии Белорус), ки он ҷо як силсила вохўриҳо, аз ҷумла, бо клуби афсонавии ЦСКА-и Русия баргузор шуд, баргашт. Машқҳо таҳти назорат пайгирона сурат гирифтанд.*

*– Мо мухлисони ашаддии худро ноумед намегардонем, – гуфт бозингари клуби «Ҳумо» Ҷавоҳир Расулов. – Бачаҳо рўҳи болида доранд. Пас, ба ғалаба умед ҳаст. Фикр мекунам, мо комёб мегардем.*

*Бозии якуми хонагии гурўҳ 11 сентябр дар майдони замонавии «Ҳумо Арена» алайҳи клуби «Homag» ба вуқўъ мепайвандад.*

***Аксбардор: Рашид ГАЛЕЕВ.***

*Ҳиммат баланд дор...*

# ҚАНД ЗАНЕД, ШЕРМАРДОНИ БАҲОРИ ТОҶИК!

Мегўянд, ки:
*Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,*
*Агар хоре бувад, гулдаста гардад.*

Оре, гап дар сари аҳлу тифоқӣ, аз як гиребон сар баровардa кор кардан. Агар ҳама якҷоя ба ягон коре машғул шаванд, олам гулистон мешавад.

Дар канали Телеграм гурўҳе ҳаст. Аъзои он аҳли қишлоқи Баҳори Тоҷик мебошанд, ки ҳам дар деҳаанду ҳам дар муҳоҷират дар шаҳрҳои гуногуни Русия. Онҳо гоҳ хабари овозӣ мефиристанду гоҳ паёмак навишта, аз рафти корҳои худ хабар медиҳанд.

Онҳо ин гурўҳро аслан бо мақсади барои як нафар бемори ҳамдеҳаашон ташкил карда буданд. Гулнозаи ҷавон дучори бемориӣ шуду бояд ҳатман ба кишвари Ҳиндустон мерафт. Ба Фахриддин Шониёзови бемор ҳам хеле ёрии молиявӣ расонданд, ки шукри Худо, аллакай дар Деҳлии Нав ҷарроҳиро аз сар гузаронда, сиҳат шуда истодааст.

Баъд аз он, ки бемори ҳамдеҳаашон – Гулнозаро аз ҷиҳати молиявӣ таъмин намуданд, камбудию норасоиҳои воқеъ дар деҳаашонро ба ҳисоб гирифта, боз ба маблағҷамъкунӣ пардохтанд.

Кандани артезиан бо мақсади бо об таъмин намудани аҳли деҳа, роҳҳоро асфалтпўш намудан, кўчаҳоро бо лампаҳои калони электрикӣ таъмин намудан вазифаи минбаъдаи шермардони деҳа аст.

Аз муҳоҷират истода писари акои Муҳаммадӣ Шарипов – Илёс ба кору бори ҳамқишлоқиён роҳбарӣ мекунад. Чӣ қадар пул ҷамъ шуд, кадом кўчаҳо шағалпўш шуданд, дар кадом нуқтаҳо фурўзонакҳои калонҳаҷм гузошта шуд?

Илёс бо суханҳои худ мардумро ба некӣ ҳидоят мекунад.

Ҳар гоҳ садои Фахриддин Мирзоевро мешунавем, ки ҷавонмардонро ба меҳнат даъват мекунад. Ў хеле ширингуфтор аст. Бо суханҳои меҳромез ҳамаро ба ҳимматбаландӣ ва меҳнаткашӣ роҳбаладӣ мекунад.

Аслан, мардуми Баҳори Тоҷик ва Дуоба нармгуфторанд.

Аз нек боғу аз бад доғ мегўянд. Насим Сафаров ҳам мевае аз боғи бобоҳояш Ниёзмурод Сафаров ва Абдулҳамид Халилов мебошад. Соҳибкори серкор аст. Ў дар чароғон ва чун кафи даст ҳамвор кардани кўчаҳо ҳиссаи арзанда мегузорад. Ў автомобилашро фурўхта барои сохтмони артезиан сарф карданист. Магар ин ҳимматбаландӣ нест? Падараш – Қудратулло Сафаров ҳам ба корҳои ободонӣ роҳбарӣ мекунад.

Ҳар замон бародари ҳоҷиамон Шоҳмурод Меликов даст ба дуо бардошта, ҳам ҷавонони раҳдур ва ҳам дар деҳабударо дуо мекунад.

Баъзан садои Илёс Шарипов баланд мешавад:

– Ассалому алайкум, хешо! Чиба имрўз ҳавсалаатон нест? Ғайрат кунед, вақт кам монд...

Баъд Шоҳмирзо амри маъруф мекунад. Ба як саги ташна об додани зани яҳудиро нақл мекунад. Мегўяд, ки ҳозир Баҳори Тоҷикро намешиносед. Аз шаҳр фарқ надорад.

Дар ҳама деҳа ҳам одамони ҳимматбаланду саховатпеша бисёранд. Охир, Худованд ҳамаро чашмгурусназу хасис наофаридааст. Ман инро вақте ҳис кардам, ки ба сари оилаи мо бадбахтиҳо паи ҳам омад. Ба марги писар ва бемории шадиди духтари дуюм тоқат кардем, вале бартараф намудани бемории ҷигари фарзанди чоруми мо бе мадади дўстон имкон надошт. Шукри дўстони дилсўз, ҳамқишлоқиён, шарикдарсонам дар гўшаҳои дуру наздики дунё, шогирдонам, хешу табори дилсўз, муаллимони мактаби рақами 12-ум, ки барои сиҳат ёфтани фарзанди ман ҳақи меҳнати дурўзаи худро бахшиданд. Шукри омўзгорони мактаби рақами 13, ки ба мо ёрӣ доданд.

Ин аст оини ҷавонмардӣ, ки дар китобҳо доир ба Ҳотами Той, Самаки айёр ва китоби «Ҳазору як шаб» хондаем.

Ҳоло мардум ба умеди худ бояд бошанд. Танҳо якҷоягӣ метавонад моро ба мақсадҳои наҷиб расонад.

Пас аз баровардани ҳоҷати ду нафар бемор, ки якеи он ба мақсад нарасида вафот кард (Худо биҳиштиаш кунад) ва Фахриддин Шониёзов, ки ба наздикӣ сиҳату саломат шуда аз Ҳиндустон баргашт, ҷавонмардон бо маслиҳат пул ҷамъ карда, дар саршавии деҳа артезиан сохтанд. Имрўз оби софу зулолашро мардум ба ҳавас нўши ҷон мекунанд.

Алҳол ба маъюби дараҷаи дуюм Ҷаббор Қаюмов дар сохтани хона ёрӣ мерасонанд, ба картаи як нафар духтараки бемори хоразмӣ пул мепартоянд, шояд ба Сайфулло Хидиралиев аз маҳаллаи ҳамсояашон – Янгийўл ҳам ёрӣ расонанд, ки аз сабаби чанд сол пеш дар муҳоҷират лат хўрдани сараш чашмонаш намебинанд...

Кошкӣ, ҷавонмардони деҳаҳои дигар ҳам мисли мардуми Баҳори Тоҷик норасоиҳоро дастҷамъона бартараф намоянд.

Аз аҳлию тифоқӣ ва чашми сери мардум хурсанд шуда мегўям: Қанд занед, шермардони Баҳори Тоҷик!

**Ўғулой ҶЎРАБОЕВА,**
**ноҳияи Узуни**
**вилояти Сурхондарё.**


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-825. Адади нашр 4722 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 05.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.